МАЪЛУМОТНОМА

оид ба семинари донишгоҳии кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар мавзӯи **«Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар низоми логистикӣ»**

Кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи факултети иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои инноватсионӣ санаи 13.02.2025 семинари илмӣ-назарявии донишгоҳиро дар мавзӯи “Ташаккули рақамикунонии логистикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” баргузор намуд. Дар чорабинии мазкур ба ҳайси меҳмон ва баромадкунанда муовини аввали директори КВД “Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт” - и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёзада Саъдӣ Одинаҳмад, машваратчии хориҷӣ оид ба КВД “Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт” –и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҷумҳурии Ҳиндустон Ҷонатҳан Линус муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Муқимов Қ.М. сардори раёсати илм ва инноватсия Халифазода Ҷ.Б., Сардори бахши таҷрибаомӯзӣ ва рушди касбият Латипова Г.С., декани факултет Темурбекова С.Д., муовини декан оид ба илм ва робитаҳои хориҷӣ Мирзоқурбонов Н., мудирони кафедраҳо: Воҳидов У.М., Соҳибов Ф.Ҳ., Ҳасанзода Я. ва устодону донишҷӯёни факултет иштирок намуданд.

Сухани ифтитоҳиро муовини ректор оид ба илм Муқимов Қ.М. оғоз намуда, қайд кард, ки яке аз масъалаи асосие, ки дар имрӯз дар назди Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст, ин рақамикунонии тамоми соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ мебошад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ҷумҳурӣ аз 28.12.2024 қайд гардида буд, ки ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод менамоям, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ аз қабили: Қонун ҲҶТ Модули №51 аз 10.05.2002 “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ”, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Модули №1174 аз 05.11.2003с. Дар бораи стратегияи давлатии "Технологияҳои иттилоотию коммуникатсиони барои рушди Тоҷикистон", Қонун ҲҶТ Модули №320 аз 30.07.2007 “Дар бораи имзои электронии рақамӣ”, Қарори ҲҶТ Модули №643 30.12.11с. «Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар ҶТ», Қарори ҲҶТ Модули №642 аз 30.12.19с. «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳавӣ мавҷуд мебошанд, ки барои амалӣ намудани рақамикунонии соҳаҳои алоҳида ҳамчуни заминаи ҳуқуқӣ баромад менамоянд. Бинобар ин, мо дар нақшаҳои машваратҳои илмӣ, аз қабили семинар, мизи мудаввар, зермаҳфили “Зеҳн” ва конференсияҳои сатҳҳои гуногун мавзӯҳоеро ҷой намудем, ки ба самти иқтисоди рақамӣ равона гардидаанд.

Сипас муовини аввали директори КВД “Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт” - и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёзада Саъдӣ Одинаҳмад дар мавзӯи **“Рақамикунонии соҳаи нақлиёт”** баромад намуд. Ӯ қайд намуд, ки таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ исбот намуд, ки рақамикунонии соҳаи нақлиёт аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таъмини бехатарӣ нақши муҳим мебозад. Истифодаи ин таҷриба барои расидан ба ҳадафҳои пешбининамудаи соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард. Бинобар ин, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 29 – уми декабри соли 2022 №617, “Дар бораи Корхонаи воҳиди давлатии “Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт” таъсис дода шуд, ки мақсади асосии он: ба таври электронӣ пешниҳод намудани хизматрасонӣ, коҳиш додани омилҳои корупсионӣ, саҳеҳ ва шаффоф ҷамъоварӣ намудани нишондиҳандаҳои оморӣ ва аз байн бурдани иқтисоди пинҳонӣ мебошад.

Бояд, қайд намуд, ки айни замон дар марказ 26 нафар барномасозон ва логистикон кору фаъолият намуда истодаанд ва марказ ба мутахассисони самтҳо номбурда ниёз дорад. Барои ин, Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 Шартномаи ҳамкорӣ баимзо расониданд. Яъне, донишҷӯёни ихтисосҳои логистика ва самти барномасозӣ метавонанд дар маркази мо таҷрибаомӯзӣ гузаранд. Ҳамзамон, хатмкунандагони ихтисосҳои номбурдаро мо метавонем ба ҷойи кор таъмин намоем.

Имрӯз ҷаҳони муосир ба марҳилаи нави рушд – марҳилаи рақамикунонӣ ворид гардидааст. Рақамикунонӣ на танҳо як раванд, балки омили асосии рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани шаффофият ва такмили идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи роҳу нақлиёт низ аз ин раванд истисно нест.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти аҳамияти стратегӣ доштани соҳаи нақлиёт, барои рақамикунонии он заминаи қавии ҳуқуқӣ ва ташкилӣ фароҳам овардааст.

Заминаи ташкилӣ ва ҳуқуқӣ

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 №642 Консепсияи иқтисоди рақамӣ қабул гардид. Мутобиқи банди 88-и он, самаранокии рақамикунонии соҳаи нақлиёт пеш аз ҳама аз гузариш ба гардиши электронии ҳуҷҷатҳо ва сипас аз ҷорӣ намудани Системаи зеҳнии нақлиётӣ ба даст меояд. Ҳамчунин, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021–2025 (қарори №460 аз 26 октябри соли 2021) масъалаи автоматикунонии равандҳои зеринро пешбинӣ намудааст:

- коркарди варақаҳои роҳхату борхат;
- иҷозатномадиҳӣ;
- сертификатсия;
- татбиқи чораҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;
- истифодаи васеи GPS дар нақлиёт.

Таъсиси Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022 №617 Корхонаи воҳиди давлатии **«Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт»** таъсис дода шуд. Дар Марказ инфрасохтори муосири техникӣ таъсис дода шудааст: серверҳо, видеостена, шабакаҳои алоҳидаи интернет, таъмини муттасили барқ ва 57 ҷойи корӣ. Дар сохтори Марказ се самти калидӣ фаъолият мекунанд:

1. Раёсати барномасозӣ ва амнияти иттилоотӣ
2. Низоми идоракунии дороиҳои роҳ (RAMS)
3. Низоми зеҳнии нақлиётӣ (ITS)

Гузариш ба гардиши электронии ҳуҷҷатҳо. Имрӯз як қатор низомҳои электронӣ омода ва татбиқ шудаанд:

- Низоми роҳхату борхат – барои назорати фаъолияти нақлиёт

- Низоми иҷозатномадиҳӣ – барои содда ва шаффоф намудани раванди додани иҷозатнома (литсензия);
- Низоми сертификатсия – барои таъмини бехатарӣ ва сифати хизматрасонӣ;
- Низоми назорати ҳуқуқвайронкуниҳо – барои ҷаримабандии автоматикӣ;
- Низоми электронии рухсатномаҳои байналмилалӣ;
- Низоми КАРТОТЕКА – анбори ягонаи рақамии дороиҳои роҳ;

Ин қадамҳо коғазбозиро коҳиш дода, шаффофиятро таъмин менамоянд.

Системаи зеҳнии нақлиётӣ. Дар доираи Системаи зеҳнии нақлиётӣ корҳои зерин амалӣ гардидаанд:

- Насби 40 таҷҳизоти назорати видеоӣ
- Ҷорӣ намудани мониторинги GPS
- Татбиқи тарозуҳои динамикӣ барои назорати вазни мошинҳо
- Шиносномакунии рақамии роҳҳо
- Истифодаи таҷҳизоти ROMDAS барои таҳлили ҳолати роҳ

Ин низомҳо имкон медиҳанд:

- ҳаракати нақлиёт дар вақти воқеӣ назорат шавад;
- сарбории меҳварҳо пешгирӣ гардад;
- ҳолати роҳҳо дақиқ арзёбӣ шавад;
- садамавӣ коҳиш ёбад.

Платформаи ягонаи идоракунии низомҳои нақлиётӣ

29 октябри соли 2024 Марказ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, Платформаи ягона муаррифӣ гардид.

Платформа низоми модулӣ буда, ҳамаи хизматрасониҳои нақлиётиро тавассути веб-портал ва барномаи мобилӣ пешниҳод менамояд, ки бо:

- Кумитаи андоз;
- Низоми "Smart Bridge";
- Smart Pay.

ҳамгиро гардидааст.

Айни замон модулҳои Иҷозатнома ва Рухсатнома фаъол буда, модулҳои Сертификат, Роҳхат, e-CMR ва e-TIR марҳила ба марҳила ҷорӣ мешаванд.

Ҳамчунин, барои дастгирии истифодабарандагон чат ва MintrasBot дар шабакаи Телеграм фаъолият доранд.

Логистика ва логистикаи рақамӣ (мисоли WeBOC). Логистика – идоракунии ҳаракати мол аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда мебошад.

Логистикаи анъанавӣ дорои:

- ҳуҷҷатҳои коғазӣ;
- вақти зиёд;
- хароҷоти баланд;
- шаффофияти паст мебошад.

Логистикаи рақамӣ бошад, бо истифода аз системаҳои электронӣ равандҳоро автоматикӣ мекунад.

Низоми **WeBOC** намунаи равшани логистикаи рақамӣ мебошад.

Агар қаблан: замонат 60 000 доллар ташкил медод ва хароҷоти ғайрирасмӣ то 3 000 доллар мерасид.

Имрӯз бошад: танҳо 850 сомонӣ барои бақайдгирӣ, гирифтани ID код, расмиёти фаврӣ, шаффофият ва бартараф шудани хавфи коррупсионӣ таъмин шудааст.

Ин нишон медиҳад, ки рақамикунонӣ метавонад хароҷотро даҳҳо маротиба коҳиш диҳад ва фазои тиҷоратиро беҳтар созад.

ХУЛОСА. Рақамикунонии соҳаи роҳу нақлиёт танҳо навсозии техникӣ нест - он қадами стратегӣ ба сӯи идоракунии шаффоф, самаранок ва бехатар мебошад. Платформаи ягонаи идоракунии низомҳои нақлиётӣ заминаи мустаҳкам барои:

- рушди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ,
- беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ,
- таъмини бехатарии роҳҳо,
- ва рушди устувори иқтисоди миллӣ фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, идомаи рақамикунонӣ ва густариши ҳамгироии низомҳои электронӣ вазифаи муҳими стратегӣ барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Баъдан, машваратчии КВД “Маркази рақамикунонии соҳаи нақлиёт” –и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷонатҳан Линус дар мавзӯи «Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар низоми логистикӣ» баромад намуд. Номбурда, қайд намуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази Осиёи миёна ҷойгир буда, барои ҳамгироии транзитии байни Осиё ва Аврупо ҳамчун минтақаи логистикӣ баромад мекунад. Бинобар ин, дар қатори логистикаи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ нақши калидӣ мебозад. Вобаста ба имкониятҳои роҳандозишуда логистикаи рақамӣ дар маркази рақамикунонии нақлиёт, айни замон корҳои зиёд анҷом дода шудааст. Аз ҷумла, хизматрасонии субъектҳои хоҷагидори марбут ба соҳаи нақлиёт новобаста аз шакли моликият бо ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ коммуникатсионӣ ва телематикӣ дар як низом (E-transport) пешниҳод карда мешавад. Ҳамгирої намудани низомҳои мавҷудаи мартуб ба соҳаи нақлиёт бо назардошти гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ аз ҷумла, иҷозатнома, тир карнет, рухсатнома, сертификат, E-CVR, борхат ва роҳхат ба таври рақамӣ ба роҳт монда шудаанд. Ҳамоҳангсозии равзанаи ягонаи соҳаи нақлиёт бо сохторҳои дахлдор дар соҳаи нақлиёт бо ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ коммуникатсионӣ ва телематикӣ пеш омадааст.

Инчунин, баромадкунанда самаранокии системаи GPS – дар логистика ва мусофирбариро аз ҷиҳати *иқтисодӣ, иҷтимоӣ, бехатарӣ ва фарҳангӣ-маданӣ* баён намуд.

Манфиатҳои иқтисодӣ. Истифодабарии таҷҳизоти телематикӣ пас чанд рӯз бартарии худро дар асоси нишондиҳандаҳои зерин нишон медиҳад: танзими дурусти фаъолияти нақлиёт; оғозу анҷоми кори нақлиёти мусофирбар ва боркаш; шумораи нақлиёти мусофирбар дар хатсайр; сарфи сузишворӣ; назорати шумораи гардиши нақлиёт дар хатсайр; назорат ва муайян намудани километражи ҳаракати воситаи нақлиётӣ бо: вақт, соат, рӯз, моҳ, сол; саҳеҳ, шаффоф ва дар реҷаи мустақим (онлайн) омода намудани ҳисоботи оморӣ.

Манфиатҳои иҷтимоӣ. Дар асоси реҷаи хатсайр, ба роҳ мондани фаъолияти нақлиёт; гардиши пурраи нақлиёт дар хатсайр; пешгирии таваққуфи аз меъёр зиёд; паст намудани сатҳи садаманокӣ дар роҳҳо, ки метавонад ба ҳаёти мусофирон хатар эҷод кунад.

Манфиатҳои бехатарӣ. Истифодабарии таҷҳизоти телематикӣ пас чанд рӯз бартарии худро дар асоси нишондиҳандаҳои зерин нишон медиҳад: назорат ва муайян намудани қоидавайронкунӣ дар роҳ ва ҷаримабандии автоматикӣ аз ҷониби система; огоҳкунии автоматикии саривақтӣ ҷиҳати гузаштан аз ташхиси техникии навбатӣ; истифодабарии датчики Бонги Хатар (SOS) аз ҷониби ронанда; омода намудани ҳисоботи гуногун ва ғайраҳо.

Манфиатҳои фарҳангӣ-маданӣ дар нақлиёти мусофирбар. Истифодабарии таҷҳизоти телематикӣ пас чанд рӯз бартарии худро дар асоси нишондиҳандаҳои зерин нишон медиҳад: Истифодабарии нақлиёти мусофирбар танҳо дар истгоҳҳо аз ҷониби шаҳрвандон; Манъ кардани воситаи нақлиёт аз ҷониби ронанда танҳо дар истгоҳҳо.

Таҷрибаи давлатҳои мутараққӣ исбот намуд, ки рақамикунонии соҳаи нақлиёт аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва таъмини бехатарӣ нақши муҳим мебозад. Истифодаи ин таҷриба барои расидан ба ҳадафҳои пешбининамудаи соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Дар музокира декани факултет С.Д. Темурбекова, мудирони кафедра У.М. Воҳидов ва Ф.Ҳ. Соҳибов баромад намуда, андешаҳои худро оид ба мавзуи баррасишаванда баён намуданд.

Дар анҷоми чорабинї саволҳои зиёд дар атрофи мавзӯи матраҳгардида пешниҳод гардид, ки ба онҳо аз тарафи баромадкунанда ҷавобҳои саҳеҳ бо мисолҳои мушаххас гардонида шуд.

Мудири кафедраи ИРЛ **Воҳидов У.М.**